# ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## Дар бораи тасдиқи Низомномаи тартиби додани рутбаҳои дараҷавии кормандони Хадамоти иҷрои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

(Фармони Президенти ҶТ аз 07.09.2022 № 453)

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 136 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи истеҳсолоти иҷро" фармон медиҳам:

Низомномаи тартиби додани рутбаҳои дараҷавии кормандони Хадамоти иҷрои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

ш. Душанбе
22 апрели соли 2020, №1524

Бо фармони Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 22 апрели соли 2020 № 1524
тасдиқ шудааст

# Низомномаи тартиби додани рутбаҳои дараҷавии кормандони Хадамоти иҷрои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

## БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Низомномаи тартиби додани рутбаҳои дараҷавии кормандони Хадамоти иҷрои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷ икистон (минбаъд-Низомнома) тартиби ба кормандони дастгоҳи марказии Хадамоти иҷрои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Торикистон, раёсатҳои иҷро дар вилоятҳои Суғду Хатлон, шуъбаи иҷро дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, иҷрочиёни мақомоти иҷро (минбаъд-корманди мақомоти иҷро) додан ва мавқуф гузоштани рутбаҳои дараҷавиро муайян мекунад.

2. Бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Одии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 апрели соли 2011. .N"385 "Дар бораи муқаррар намудани рутбаҳои дараҷавӣ ба кормандони мақомоти адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон" ба кормандони мақомоти иҷро рутбаҳои дараҷавии зарин муқаррар гардидаанд:

- Мушовири давлатии адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Мушовири давлатии адлияи дараҷаи 1;
- Мушовири давлатии адлияи дараҷаи 2;
- Мушовири давлатии адлияи дараҷаи 3;
- Мушовири адлияи дараҷаи 1:
- Мушовири адлияи дараҷаи 2:

- Мушовири адлияи дараҷаи 3;

- Ҳуқуқшиноси дараҷаи 1:

- Ҳуқуқшиноси дараҷаи 2:

- Ҳуқуқшиноси дараҷаи 3.

3. Рутбаи дараҷавӣ бо тартиби пай дар пай дар сурати мавҷуд будани таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ тибқи тахассуси корманд, мансаб ва собиқаи кор, инчунин бо дар назар доштани рутбаи дараҷавӣ, дараҷаи тахассусӣ, унвонҳои дахлдор, ки ӯ ба онҳо дар ҷои кор ва ё хизмати пешинааш соҳиб шудааст. дода мешавад.

4. Рутбаҳои дараҷавӣ якумрӣ дода машаванд,

5. Кормандони мақомоти иҷро дар асоси пешниҳоди нусхаи ҳукми сафедкунандаи суд бо қарори шахси мансабдоре. ки ҳуқуқи додани рутбаи дараҷавиро дорад. ба рутбаи дараҷавии пешина барқарор карда машаванд.

6. Ба мансабҳои пасттар гузаронидан ё гузаштани корманди мақомоти иҷро барои паст кардани рутбаи дараҷавии ба ӯ пештар додашуда асос намегардад.

7. Рутбаҳои дараҷавии ба кормандони мақомоти иҷро додашуда дар шаҳодатномаи хизматӣ ва дафтарчаи меҳнатии онҳо қайд карда мешаванд. Қайди дахлдор дар дафтарчаи меҳнатии кормандони мақомоти иҷро дар фасли "Маълумот дар бораи кор" гузошта мешавад.

## БОБИ 2. ТАРТИБИ БА КОРМАНДИ МАҚОМОТИ ИҶРО ДОДАН ВА МАВҚУФ ГУЗОШТАНИ РУТБАҲОИ ДАРАҶАВӢ

8. Рутбаҳои дараҷавии кормандони мақомоти иҷро вобаста ба мансабҳои ишғолнамудаи хизмати давлатии зерин дода мешаванд:

- Мушовири давлатии адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон - ба сардори Хадамоти иҷрои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- Мушовири давлатии адлияи дараҷаи 1, Мушовири давлатии адлияи дараҷаи 2 - ба муовини якум ва муовини сардори Хадамоти иҷрои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон:

- Мушовири давлатии адлияи дараҷаи 3, Мушовири адлияи дараҷаи 1 - ба сардори раёсат;

- Мушовири адлияи дараҷаи 1, Мушовири адлияи дараҷаи 2ба муовини сардори раёсат. сардори шуъба, мудири бахш;

- Мушовири адлияи дараҷаи 2, Мушовири адлияи дараҷаи 3ба сармутахассис, иҷрочии калони мақомоти иҷро;

- Мушовири адлияи дараҷаи 3, Ҳуқуқшиноси дарачаи 1 - ба мутахассиси пешбар, иҷрочии мақомоти иҷро;

- Ҳуқуқшиноси дараҷаи 2, Ҳуқуқшиноси дараҷаи 3 - ба мутахассис.

9. Рутбаи дараҷавии Мушовири давлатии адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешавад. Рутбаҳои дараҷавии Мушовири давлатии адлияи дараҷаҳои 3, 2, 1 бо пешниҳоди сардори Хадамоти иҷрои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешаванд. Рутбаҳои дараҷавии Мушовири адлияи дараҷаҳои 3, 2, 1, Ҳуқуқшиноси дараҷаҳои 3, 2, 1 бо пешниҳоди роҳбари бевоситаи корманд аз тарафи сардори Хадамоти иҷрои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷ икистон дода мешаванд.

10. Ба шаҳрванде, ки бори аввал ба мансаб дар мақомоти ичро таъин шудааст, рутбаи дараҷавӣ баъди шаш моҳи таъин шудан ба мансаб дар мақомоти иҷро дода мешавад.

11. Ба корманди мақомоти иҷро, ки як сол собиқаи хизмати давлатӣ дорад, вале рутбаи дараҷавӣ надорад, рутбаи дарачавии дахлдор дар доираи мансаби ишғолкарда дар давоми ду моҳи корӣ дода мешавад. Муҳлати додани рутбаҳои Мушовири давлатии адлияи дараҷаҳои 3, 2, 1 муқаррар карда намешавад.

12. Муҳлати зерини дар ҳар як рутбаи дараҷавӣ будан муқаррар мешавад:

- дар рутбаи Ҳуқуқшиноси дарачаи 3 -1.5 сол: - дар рутбаи Ҳуқуқшиноси дараҷаи 2 - 2 сол;

- дар рутбаи Ҳуқуқшиноси дарачаи 1 - 2,5 сол; - дар рутбаи Мушовири адлияи дараҷаи 3 - 3 сол;

- дар рутбаи Мушовири адлияи дараҷаи 2 - 3,5 сол;

- дар рутбаи Мушовири адлияи дараҷаи 1 - 4 сол.

13. Рутбаи дараҷавии навбатӣ баъди ба охир расидани муҳлати муқарраргардидаи дар рутбаи қаблӣ, ки дар банди 12 Низомномаи мазкур пешбинӣ шудааст. дода мешавад.

14. Ҳангоми додани рутбаи дараҷавии навбатӣ бояд ҳолатҳои зерин ба инобат гирифта шаванд:

- мансаби ишғолнамуда;

- собиқаи кор дар мақомоти иҷро;

- муҳлати дар рутба будаш;

- риояи интизоми меҳнат ва дастовардҳои кории корманд.

15. Сардори Хадамоти иҷрои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ дорад, ки ба корманди мақомоти иҷро барои иҷрои супоришҳои махсусан масъулиятнок, натиҷаҳои баланди касбию хизматӣ, саҳми ӯ дар таҳкими мақомоти давлатӣ ва хизмати давлатӣ, инчунин мувофиқи тавсияи комиссияи аттестатсионӣ дар ҳолатҳои зерин рутбаҳои дараҷ авӣ диҳад:

- пеш аз муҳлат - бо гузаштани на камтар аз нисфи муҳлати муқарраргардидаи хизмат дар рутбаи дараҷавӣ будан;

- як зина болотар аз рутбаи дараҷавии барои ҳар як вазифа пешбинигардида -дар ҳолати гузаштани якуним муҳлати муқарраршудаи фаъолият дар рутбаи дараҷавӣ. ки корманд дорад.

16. Сардори Хадамот иҷрои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ дорад, ки ба корманди мақомоти иҷро барои иҷрои супоришҳои махсусаи масъулиятнок, натиҷаҳои баланди касбию хизматӣ, саҳми ӯ дар таҳкими мақомоти давлатӣ ва хизмати давлатӣ, инчунин мувофиқи тавсияи комиссияи аттестатсионӣ ҳангоми ба вазифаи баландтар гузаронидан бе риояи тартиби навбат, вале на бештар аз ду рутба нисбат ба он, ки корманд дорад, рутбаи дараҷавӣ диҳад.

17. Пеш аз муҳлат ва як зина болотар додани рутбаи дараҷавӣ ба корманди мақомоти иҷро танҳо як маротиба дар тамоми муҳлати фаъолият амалӣ карда мешавад.

18. Барои иҷро накардан ё ба таври дахлдор иҷро накардани ухдадориҳои мансабӣ (содир намудани кирдори интизомӣ) нисбати корманди макрамоти иҷро ба сифати ҷазои интизомӣ ба муҳлати то як сол мавқуф гузоштани додани рутбаи дараҷавии навбатӣ татбиқ карда мешавад.

19. Ба корманде, ки ба мақомоти иҷро аз дигар мақомоти давлатӣ, корхонаву муассиса ва дигар ташкилотҳо ба кор мегузарад, бо дар назар доштани мансаб, дониш ва таҷрибаи корӣ,

инчунин мавҷуд будани дигар рутбаву унвонҳо рутбаи дараҷавӣ дода мешавад.

20. Дар сурати ба хизмати давлатӣ таъин (интихоб) шудан ё гузаронидани корманди мақомоти иҷро, ки рутбаи дараҷавӣ дорад, ба ӯ рутбаи дараҷавии мутобиқ ба мансаби ишғолкарда дода мешавад.

## БОБИ 3. ҚАБУЛИ ФАРМОИШ ОИД БА МАСЪАЛАҲОИ РУТБАИ ДАРАҶАВӢ

21. Сардори Хадамоти иҷрои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси пешниҳоди роҳбари бевоситаи корманд дар хусуси ба корманд додан ва мавқуф гузоштани рутбаҳои дараҷавӣ фармоиш қабул менамояд.

22. Нусхаи фармоиш дар бораи додани рутбаи дараҷавӣ дар парвандаи шахсии корманди мақомоти иҷро нигоҳ дошта мешавад.

23. Корманди мақомоти иҷро бо фармоиши сардори Хадамоти иҷрои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи додаи ва мавқуф гузоштани рутбаи дараҷавӣ таҳти имзо шинос карда мешавад.

## БОБИ 4. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

24. Сардори Хадамоти иҷрои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои амалисозии Низомнома ва ҳалли масъалаҳои вобаста ба рутбаҳои дараҷавии кормандони мақомоти иҷро масъул мебошад.

25. Баҳсҳо оид ба масъалаҳои вобаста ба рутбаҳои дараҷавӣ аз тарафи сардори Хадамоти иҷрои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ ва (ё) суд баррасӣ карда мешаванд.